**Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи “Тартиби ҳисобкунии таносуби меъёри маблағҳои худӣ (сармоя) ва уҳдадориҳои қабулнамудаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)”.**

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ. | Лоиҳаи “Тартиби ҳисобкунии таносуби меъёри маблағҳои худӣ (сармоя) ва уҳдадориҳои қабулнамудаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)”. |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ. | Бонки миллии Тоҷикистон. |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо паҳн мегардад. | Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ). |
| Мухлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ. | 20.10.2020с. |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ. | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 ноябри соли 2019 ҷойгир карда шуда буд. |
| Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо. | Аз рӯи натиҷаҳои ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи Тартиби мазкур таклифу пешиҳод ворид нагардид. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад. | Айни ҳол аз сабаби мавҷуд набудани меъёрҳои мақбул, таносуби сармоя ва уҳдадориҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) риоя нашуда истодааст, ки ин боиси баланд шудани хавфҳо ва коҳиш ёфтани пардохтпазирӣ мегардад. Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор бо сабаби саривақт муайян намудани вазъи |

| | |
|---|---|
| | молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва андешидани чораҳои зарурӣ Тартиби мазкурро таҳия намудааст. Дар ҳолати бе меъёрҳо фаъолият намудани ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) эҳтимолияти иҷро нашудани уҳдадориҳо дар назди суғурташавандагон ба вуҷуд меояд. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат. | Бонки миллии Тоҷикистон Тартиби мазкурро тибқи талаботи моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" таҳия намуда, мақсадҳои асосии он чунин мебошад:<br>- таъмини устувории молиявию иқтисодӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);<br>- тартиби ҳисобкунии таносуби меъёри маблағҳои худӣ (сармоя) ва уҳдадориҳои қабулнамудаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);<br>-пурзӯр намудани назорат аз рӯи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ҷиҳати саривақт иҷро гардидани ухдадориҳои қабулгардида;<br>- имконияти саривақт ва пурра иҷро намудани уҳдадориҳо аз тарафи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар назди суғурташудагон. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот. | Дар Тартиби мазкур чораҳои зерин пешбинӣ карда мешаванд:<br>- муайян намудани меъёри кифоятии маржаи пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);<br>- муайян намудани дороиҳои пардохтпазириаш баланди ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);<br>- муқаррар намудани меъёри диверсификатсияи дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);<br>- пешниҳод намудани ҳисобот оид ба иҷрои меъёрҳои муқарраргардида аз ҷониби |

| | |
|---|---|
| | ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ). |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори назорати суғуртавӣ бо мақсади таъсис ва нигоҳдории низоми суғуртавии устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули инфрасохтори бозори суғурта, бо ташкилотҳои суғуртавӣ мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати таъмини устувории молиявию иқтисодӣ ва пардохтпазирии онҳо гузаронида истодааст.<br>Аммо, батанзим даровардани бозори суғурта, тақвият бахшидан ба фазои озоди рақобатноки суғурта, инчунин ҳалли мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳавӣ бидуни қабул гардидани Тартиби мазкур ғайриимкон мебошад. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ ва оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар сурати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ. | Қабули Тартиби мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад. Дар сурати қабул гардидани он, сатҳи хизматрасониҳои суғуртавӣ ба аҳолӣ беҳтар гардида, ба ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) имкониятҳои васеъро барои сармоягузории маблағҳои муваққатан озоди худ ба соҳаҳои гуногуни иқсисодиёти кишвар ва дар ин васила мустаҳкам намудани вазъи молиявии худ такони ҷиддӣ мебахшад. Инчунин қабули Тартиби мазкур боиси хароҷоти иловагӣ барои ташкилотҳои суғуртавӣ намегардад. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Қабули Тартиби мазкур ба ташкилотҳои суғуртавӣ ҷиҳати ба танзимдарории дороиҳои худ нисбат ба уҳдадориҳои қабулшаванда ва дар ин замина сари вакт иҷро гардидани уҳдадориҳои худ дар назди суғурташавандагон имконият медиҳад. Ташкилотҳои суғуртавӣ тибқи Тартиби мазкур бояд ҳармоҳа оиди иҷрои меъёрҳои муқаррарнамудаи он ҳисобот пешниҳод намоянд. Дар ин замина, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назорати суғуртавӣ, дар ҷараёни пеш бурдани танзим ва |

| | |
|---|---|
| | назорати фаъолият бо истифодаи ҳисоботҳо имконият пайдо менамояд, ки дар рафти санҷишҳо дороиҳо, уҳдадориҳо, диверсификатсияи дороиҳо ва пардохтпазирии онҳоро тибқи талаботҳои Тартиби мазкур назорат кунад. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он. | 01.11.2020с. |

Муовини Раис Машрабзода Ҳ.